2113 22

Ю. БОБОЕВ

# НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

(ҚИСМИ I)

## МУҚАДДИМАИ АДАБИЁТШИНОСӢ

МАОРИФ

Ю. БОБОЕВ

# НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ

(ҚИСМИ I)

## МУҚАДДИМАИ АДАБИЁТШИНОСӢ

*Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси РСС Тоҷикистон ба сифати китоби дарсӣ тасдиқ кардааст*

Нашри дуюм бо ислоху иловаҳо

ДУШАНБЕ
«МАОРИФ»—1987

ББК 83. 3 Точик Я73
8 Точик (075)

Кит... миллии
Чумх... истон ба
н... давсй
21/321
8 Точик (075)

Бобоев Ю.

Назарияи адабиёт. к 1. Муқаддимаи адабиётшиносй: китоби дарсй.— Душанбе: Маориф, 1987 — 320 саҳ.

Бобоев Ю.

Теория литературы: ч. I. Введение в литературоведение: учебник.

Муқарризон: Аҳмад Абдуллоев — доктори фанҳои филологй.

Раҳимчон Мусулмонкулов — доктори фанҳои филологй, профессор.

ББК 83. 3 Точик Я73
8 ТОЧИК (075)

© Нашриёти «Ирфон» — 1974.
© Нашриёти «Маориф», 1987 бо иловаҳо

## АЗ МУАЛЛИФ

«Мукаддимаи адабиётшиносӣ» ҳамчун китоби таълимӣ барои факультетҳои забон ва адабиёти донишкадаҳои олии республика аввалин бор дар соли 1974 нашр шуда буд. Ин нашри дуюми он аст, ки дар асоси маълазҳои назарии солҳои охир аз нав кор карда шуда, тасҳеҳ ва иловаҳо дидааст. Мувофики программаи нави таълимӣ ин предмет «Назарияи адабиёт» ном гирифта, «Мукаддимаи адабиётшиносӣ» кисми якуми онро ташкил медиҳад. Зеро дар курсҳои болоии донишкадаҳо боз таълими «Назарияи адабиёт» (кисми дуюмаш), «Назарияи танкиди адабӣ» ва «Назмшиносӣ» давом меёбад.

То замони ба табъ расидани нашри якуми «Мукаддима...» (1974) муаллимону донишҷӯёни донишкадаҳо ва аҳли маърифат аз осори илмию тадкикии устод Садриддин Айнӣ, Е. Э. Бертельс. И. С. Брагинский, А. Н. Болдырев, Д. С. Комиссаров, З. Г. Османова, Абдуғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Шарифҷон Ҳусейнзода, Носирҷон Маъсумӣ, Раҷаб Амонов, Муҳаммадҷон Шукуров, Расул Ҳодизода, Соҳиб Табаров, Воҳид Асрорӣ, Атахон Сайфуллоев, Лариса Демидчик, Аълохон Афсаҳзод, Абдукодир Маниёзов ва дигарон маълумотҳои ҷудогонаи адабиётшиносӣ ва назарӣ мегирифтанд. Ғайри ин доир ба масъалаҳои арӯзи тоҷик, санъатҳои шеърӣ ва луғату истилоҳҳо ду китоби Баҳром Сирус «Қофия дар назми тоҷик (1955) ва «Арӯзи тоҷик» (1963) китобҳои Т. Н. Зеҳнӣ. «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ» (1960), «Санъати сухан» (1967) ва «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» Р. Ҳодизода, М. Шукуров ва А. Абдуҷабборов — (1966) ва баъзе маколаю тадкикотҳои алоҳида ба ҷӯяндагон мададгорӣ мекарданд.

Акнун дар замини ин боз якчанд китоб аз назарияи адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик ва оид ба он ба ихтиёри завкмандони илми адабиётшиносӣ вонамуд гардид, ки он ба саъю кӯшиши олимони зерин тааллуқ дорад: Т. Н. Зеҳнӣ («Санъати сухан» 1979). Соҳиб Табаров «Дастури таълимӣ доир ба назарияи танкиди адабӣ» (к. I—1980, к. II—1983); Раҳим Мусулмонкулов («Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик» — 1970; Атоулло Ҳусайнӣ «Бадоеъ-ус-саноеъ»—1974, Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Бадоеъ-ал-афкор фи саноеъ-ал-ашъор» — 1977; Асрори сухан — 1980); Абдунабӣ Сатторов («Афкори адабӣ ва эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ» — 1975); Раззоқ Ғаффоров («Нависанда ва забон» — 1977; «Устоди бузурги сухан» — 1978), Коллектив, «Китобхонаи назарияи адабиёт» (1975—1976). Шарифҷон Ҳусейнзода, Худой Шарифов «Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик» Душанбе (1985).

Равнаку ривоҷи илми адабиётшиносӣ ва назарияи адабиёт дар рисолаҳои тадкикии Юсуф Акбаров («Кисмати инсон ва кисмати шеър — 1980); Хуршеда Отахонова («Пайванди ҳис ва андеша» — 1982, «Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик» — 1983); Аҳмад Абдуллоев (Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI). Аскар Ҳакимов («Шеър ва замон»— 1978; «Дар каламрави су-

хан» — 1982); Абдунабӣ Сатторов («Нуктаи пайванд» — 1982); Ҷӯра Бакозода («Ҷустуҷӯхои эҷодӣ дар насри тоҷик» — 1982) беш аз пеш ба назар намуда меистад.

Муаллифи ин сатрхо нашри хозираи «Муқаддима»-ро мувофиқи программаи нави таълимӣ (1985) сохта, дар процесси кор ба муваффақиятхои намоёни имрӯзаи илми адабиёти советии тоҷик истинод дорад. Дар таълифи программаю китоб ба мо таҷрибаи олимони назариячӣ Л. И. Тимофеев, Г. Н. Поспелов, Г. Л. Абрамович, Ф. И. Головченко, С. М. Петров ва баъзе дигарон мададгорӣ кард.

Ба вуҷуд овардани чунин асари калонхаҷму мураккаб, албатта, бекамбудӣ нахохад буд. Боварӣ дорем, олимон ва хонандагони мӯхтарам кайду эродхояшонро ба воситаи матбуот ва мактубхои ҷудогона баён менамоянд. Бо кӯмаки хайрхохон асари мазкур дар ояанда боз хам такмил ёфта, то ба дараҷахои китоби дарсии стабилӣ хохад расид.